**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки дар адабиётшиносии тоҷик камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, таъини ҳунари суханвар дар эҷоди каломи бадеъ, чи наср ва чи назм ба шумор меравад. Ба эҷодкор, алалхусус ба шоир, пеш аз ҳама, бояд ба ҳунари ӯ дар эҷоди каломи бадеъ, шеваҳои хоси баён ва дигари арзишҳои таълифоташ баҳо дод. Маҳз ҳунар аст, ки дар навбати аввал мақоми суханварро таъин менамояд. Ба ин маънӣ ба сифати диссертатсияи номзадӣ баргузида шудани мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» аз тарафи унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки худ шоир низ ҳаст, айни муддао ва саривақтист.

Аз муҳтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як боб вобаста ба мавазуи таҳқиқ дорои фасл ва зерфаслҳоянд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи таҳқиқ иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамӣ, аҳаммият ва зарурати таҳқиқи мавзуъ бо далоили илмӣ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он дақиқ муайян шудаанд. Ҳамчунин, сарчашма, методологияи таҳқиқ, арзишҳои амалию назарӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Барои таҳқиқи дақиқи навоварию навҷӯӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60- 70-уми асри XX диссертант дар боби аввал, ки "Раванди навгароӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70" унвон

дорад, заминаҳои навоварию навҷӯии шоиронро аз оғози адабиёти навини тоҷик, яъне аз соли 1905 то давраи мавриди назар ҷустуҷӯ намудааст. Ин амал имкон дода, ки муҳаққиқ заминаҳои таҳаввули шеъри тоҷикиро дар солҳои 60-70-уми асри гузашта ба дурустӣ таъин намояд.

Дар боби дувуми диссертатсия, ки "Ташаккули шахсияти адабии Ғоиб Сафарзода" унвон дорад, диссертант нақши маҳфилҳои адабӣ ва маҷаллаву рӯзномаҳои вақт, ки шоир дар онҳо фаъолият намудааст, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, заминаҳои ташаккули шахсияти адабии Ғоиб Сафарзодаро ба дурустӣ муайян намудааст. Дар фасли дувуми боби дувум муҳаққиқ фаъолияти тарҷумонии шоирро аз диди арзишҳо ва меъёрҳои ҳунарӣ баррасӣ намуда, нақши тарҷумаро дар такомули маҳорати шоирии Ғоиб Сафарзода нишон додааст. Дар фасли севум нақши нақди адабӣ, яъне тақризу мақолаҳои Ғоиб Сафарзода, ки ба ашъори шоирони давр навиштааст, баррасӣ шуда, таъсири он дар ташаккули маҳорати эҷодии шоир таъин гардидааст.

Боби севум бевосита ба ҷусторҳои ҳунарии Ғоиб Сафарзода ихтисос дода шуда, ки қисмати асосии корро ташкил медиҳад ва дар он сохтор, мавзуъ ва ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоир аз оғози фаъолият то охирин сурудаҳояш мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти хеш, пеш аз ҳама, мақом ва ҷойгоҳи ҳунарии шоирро дар замони зиндагӣ ва муҳити адабии солҳои 60-70-и асри XX баррасӣ кардааст, ки ин шеваи таҳқиқ дар таъйини манзалати эҷодӣ ва ҷусторҳои ҳунарии вай дар шеър омил омадаанд.

Диссертатсия М.Қ. Ҳамзаев аз чанд ҷиҳат қабили таваҷҷуҳ аст: Нахуст, интихоби мавзуъ ва гузориши масъала хеле муҳим ва саривақтист, зеро дар адабиётшиносии тоҷик камтар касе аз муҳаққиқон ба таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии осори суханварон даст задааст. Сониян, унвонҷӯ танҳо ба шеъри

Ғоиб Сафарзода маҳдуд нашуда, ташаккули шахсияти эҷодии шоирро дар ҳамбастагӣ бо раванди таҳаввули шеъри тоҷикӣ дар солҳои 60-70 асри пешин таҳқиқ намудааст. Солисан,ҷанбаҳои ҳунарӣ ва такомули сохтории шеъри Ғоиб Сафарзода огоҳона тавъам бо навҷӯию навпардозиҳои шеъри тоҷикии солҳои 60-70 дар муқоиса мавриди пажӯҳиш қорор гирифта, ки навгонии илмии коррро собит менамояд.

Дар Хулосаи диссертатсия, ки аз 17 банд таркиб ёфтааст, натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ ба даст омада ҷой гирифтаанд, ки ҳамагӣ вусъати пажуҳиш, масъалагузориҳои амиқу дақиқи диссертантро шарҳу баён мекунанд.

Дар ин кори илмии М.Қ. Ҳамзаев, ки муҳассаноти зиёдеро дорост, камбудҳое ба назар расид, ки ислоҳи он ба манфиати кор аст:

1.Унвонҷӯ дар фасли дувуми боби севум таҳти унвони «Ғоиб Сафарзода дар манзари нақди адабии тоҷик» дараҷаи нақду баррасии осори Ғоиб Сафаррзодаро ба сурати алоҳида нишон медиҳад. Ҳол он ки ин масъала бояд дар қисмати **дараҷаи омӯзиши мавзуъ** таъин мегардид. Аз сӯйи дигар, дар бораи эҷодиёти Ғоиб Сафарзода тадқиқоти зиёде сурат нагирифта, ки фасли махсусе ба он ихтисос дода шавад. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуи муқаддима интиқол додани маводи ин фасл мувофиқ мақсад мебошад.

2. Мутаассифона, унвонҷӯ ҳангоми таъини мақоми Ғ.Сафарзода дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70 дар автореферати диссертатсия (шояд дар диссертсия зиёд бошад) ҳатто байте ҳам ба сифати шоҳиди шеърӣ наовардааст.

Албатта, эродҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии рисоларо намекоҳанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи «Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои

60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти мазкур дар адабиётшиносии тоҷик саҳифаи тоза буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик,равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз: Нуров Нуралӣ Норович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, Хуррамшаҳр 38.
Тел: (+992)928763797 емайл: nurali74@mail.ru

имзои доктори илмҳои филологӣ,
профессор Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Сайдуллозода Заррина

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров
Тел: 6-52-73; 6-47-39;
Факс: 6-75-18; E-mail:rector@hgu.tj
04 .01 .2025